**Суратмаҷлиси №103**

Маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

«20» 01 соли 2026 ш. Душанбе

**Аъзоёни шуро ҳамагӣ: 16 нафар**
**Иштирок доштанд: 13 нафар аъзоёни шуро**

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

| | |
|---|---|
| 1. Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович | д.и.и. 5.2.11 |
| 2. Кошонова Манзура Раҳматҷоновна | д.и.и. 5.2.11 |
| 3. Убайдуллоев Фаредулло Каримович | н.и.и. 5.2.17 |
| 4. Аминов Иномҷон | д.и.и. 5.2.4 |
| 5. Қандиёрова Дилбар Облоқуловна | д.и.и. 5.2.4 |
| 6. Раҳимзода Ҳисайн Раҳим | д.и.и. 5.2.4 |
| 7. Мирсаидов Саидакмал Аврорович | д.и.и. 5.2.11 |
| 8. Умаров Хоҷамаҳмад | д.и.и. 5.2.17 |
| 9. Саидмуродзода Лутфулло Хдбибулло | д.и.и. 5.2.11 |
| 10. Сафаров Баҳром Гулматович | д.и.и. 5.2.4 |
| 11. Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич | д.и.и. 5.2.17 |
| 12. Шарифзода Баҳром Маҳмуд | д.и.и. 5.2.17 |
| 13. Нурализода Эмомалӣ Нуралӣ | д.и.и. 5.2.4 |

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия, д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601– Иқтисодиёти ҳудудӣ) оид ба ҳимоя баромад намуда, хулосаи омоданамудаи комиссияи экспертиро оид ба қабули диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ба аъзоёни шуро расонид.

Диссертатсия таҳти роҳбарии д.и.и., дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода гардидааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 6D050600- Иқтисодиёт (6D050601 - Иқтисодиёти ҳудудӣ), инчунин соҳаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар умум 9 мақолаи илмӣ, аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаи маводи конференсияҳои сатҳи гуногун ба табъ расонида шудаанд.

Комиссияи экспертӣ барои баргузор намудани ҳимояи диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601– Иқтисодиёти ҳудудӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия медиҳад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601– Иқтисодиёти ҳудудӣ)ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ дар 9 мақолаи илмӣ, аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Бо пешниҳоди комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Сафозода Абдумаҷид Карим** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Данғара»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- **Холов Тоҷидиин Азизуллоевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав;

5. **Санаи ҳимоя** 03-юми апрели соли 2026 таъин карда шавад.

6. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи муассиса ва нашри автореферат бо теъдоди 100 нусха бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳнкунии он иҷозат дода шавад.

7. Омода намудани лоиҳаи хулосаи шуро оид ба диссертатсияи Давлатзоде Дилшод Шералӣ ба уҳдаи д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р., д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О., д.и.и., дотсент Сафаров Б.Г. вогузор карда шавад.

Аз рафти маҷлис чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Тарафдор – 13 нафар, зид- нест, бетараф- нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионии**
**н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**